**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАРМОИШ

**Правительство Республики Таджикистан**

# РАСПОРЯЖЕНИЕ

аз 25 январи соли 2017 № 2-ф

ш. Душанбе

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади сари вақт ва босифат таҳия намудани буҷети давлатӣ барои солҳои 2018-2020, истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ва ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамуҳлати молиявӣ:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2009, №639 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2016, №392 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2018-2020 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» чорабиниҳои зеринро ба анҷом расонад:

- то 5 феврали соли 2017 Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 ва нақшаи тақвимӣ оид ба таҳияи лоиҳаи буҷетро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намояд;

- талаботи асосӣ нисбати барномаҳои буҷетӣ, тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи барномаҳои буҷетӣ, мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳои буҷетиро таҳия ва тасдиқ намояд;

- корро дар самти ҷорӣ намудани Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ тақвият бахшида, якҷо бо вазоратҳои таҷрибавӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ чораандешӣ намояд;

- то 15 апрели соли 2017 вобаста ба баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодие, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд;

- то 1 июни соли 2017 дар доираи таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2018-2020 ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андозро барои ҳар сол, ки маълумоти зеринро дар бар мегиранд, пешниҳод намояд:

а) нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, касри он ва ҳаҷми қарзи давлатӣ;

б) нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

в) нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

г) ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

д) пешниҳоди хароҷоти афзалиятнок барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ бо назардошти пешниҳодоти дахлдори тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;

- то 1 июли соли 2017 Дастурамал оид ба таҳия намудани лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 ва нишондиҳандаҳои дурнамои онро барои солҳои 2019-2020 таҳия намуда, ба вазорату идораҳо ва муассисаю ташкилотҳои дахлдор расонад;

- то 1 июли соли 2017 ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷетиро аз рӯи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ барои солҳои 2018-2020, ки Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул медонад, муайян намуда, то 15 июли соли 2017 онро ба вазоратҳои соҳавии дахлдор ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ расонад;

- то 20 сентябри соли 2017 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2019-2020 аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ, вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2. Вазорату идораҳои аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда:

- то 1 феврали соли 2017 аз рӯи афзалиятҳои соҳавӣ барои таҳияи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ гурӯҳҳои кории байниидоравии соҳавӣ таъсис диҳанд;

- мутобиқи нақшаи тақвимии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавиро барои баррасӣ ба гурӯҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- лоиҳаҳои барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамуҳлат маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2018-2020 таҳия ва пешниҳод намоянд.

3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва

захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷоти соҳавиро аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ барои соли 2018, инчунин тавсифномаи ҳамаи барномаҳои буҷетиро, ки дар ин вазоратҳо амалӣ гардида истодаанд, таҳия намуда, то 15 августи соли 2017 ба Вазорати молия пешниҳод намоянд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- то 1 марти соли 2017 баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2017 ва параметрҳои асосии дурнамо барои солҳои 2018-2020, инчунин нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат;

- то 15 июли соли 2017 дурнамои аниқшудаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2018 ва параметрҳои асосии онро барои солҳои 2019-2020, инчунин то 25 июли соли 2017 барномаи сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла сармоягузории асосии мутамарказ (аз ҳисоби буҷети давлатӣ) аз рӯи ҳар як иншоот барои давраи миёнамуҳлат.

5. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки то 1 марти соли 2017 дурнамои қурби миёнаи солонаи доллари ИМА нисбат ба пули миллӣ ва сатҳи таваррумро барои солҳои 2018-2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

6. Вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ то 10 апрели соли 2017 оид ба ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ, аз ҷумла андоз аз фоида, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет барои солҳои 2018-2020 аз рӯи самти фаъолият бо корхонаю ташкилотҳои тобеашон дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бо назардошти иҷрои воқеии соли 2016 ва баҳодиҳии соли 2017, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

7. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро аз рӯи ҳисоботҳои воқеии соли 2016, баҳодиҳии соли 2017 ва дурнамо барои солҳои 2018-2020 пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар алоҳидагӣ дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯи манбаи андозбандишаванда, меъёр ва маблағҳои тарҳшаванда тибқи ҳисобҳои алоҳида;

- оид ба манбаи андозбандии андозсупорандагони азими ҷумҳурӣ дар миқёси вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин маблағи ҳисобинамудаи ин корхонаҳо;

- оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз, низомҳои махсуси андозбандӣ (фасли XVI Кодекси андоз) ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ (фасли XVII Кодекси андоз) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои соли 2016.

8 . Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи солӣ 2017 маълумоти зеринро аз рӯи ҳисоботҳои воқеии соли 2016, баҳодиҳии соли 2017 ва дурнамо барои солҳои 2018-2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ;

- оид ба воридоти андозбандишавандаи молҳо ва воридоти молҳои аз имтиёзҳои гумрукӣ бархурдор, маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз, инчунин номгӯи корхонаю ташкилотҳо аз соли 2016 то соли 2018;

- оид ба воридоти молҳои зераксизӣ бо ифодаи ҳаҷм ва арзиш дар солҳои 2016 ва 2018.

9. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ва хароҷотро барои солҳои 2018-2020, бо дарназардошти баҳодиҳии соли 2017, пешниҳод намояд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2017 маълумоти зеринро барои солҳои 2018-2020 пешниҳод намояд:

- оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузории бо ҷалби кумаки беруна амалишаванда, ки дар давраи миёнамуҳлат амалӣ мегарданд;

- маълумот бо ҳисобҳои мушаххас аз рӯи маблағи умумии аз хусусигардонии моликияти давлатӣ воридшаванда, бо дарназардошти иҷрои воқеии он дар соли 2016 ва баҳодиҳии соли 2017, инчунин номгӯи молу мулки хусусигардонидашаванда;

- оид ба суди саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад, бо нишон додани номгӯй ва ҳиссаи ҷамъиятҳо;

- оид ба воридоти маблағҳо аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки давлатии мансуб ба моликияти ҷумҳуриявии корхонаву ташкилотҳо, бо дарназардошти иҷрои воқеии он дар соли 2016 ва баҳодиҳии соли 2017.

11. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишон додани масоҳати заминҳо ба ҳолати 1 январи соли 2017 дар шакли ҷадвал;

- оид ба масоҳати молу мулки шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои фаъолият барои муайян намудани манбаи андоз аз молу

мулки ғайриманқули онҳо барои солҳои 2018-2020 тибқи муқаррароти моддаи 279 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12. Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт оид ба шумораи воситаҳои нақлиёт аз рӯи ҳар як тамғаи воситаи нақлиёт ба ҳолати 1 январи соли 2017 дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 1 марти соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

13. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи Тоҷик», Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» то 1 майи соли 2017 оид ба ҳаҷми солонаи воридоти маблағҳои андозӣ ва ғайриандозӣ аз рӯи арзиши хизматрасониҳо барои солҳои 2018-2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

14. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Корхонаи воҳиди давлатии «Хӯрокворӣ» то 1 марти соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, молҳои зераксизӣ, бақияи маҳсулоти зераксизӣ, ки дар анборҳои корхонаҳо мавҷуд мебошанд ва пешгӯии воридоти андозҳо барои солҳои 2018-2020 дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

15. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан дар бораи иҷозатномаҳои барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ додашуда, қарордодҳои оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ басташуда ва маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо барои захираҳои табиӣ ба ҳолати 1 январи соли 2017 дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба Вазорати молия маълумот пешниҳод намоянд.

16. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» оид ба ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии коммуналии истифодашаванда дар миқёси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ то 1 марти соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

17. Вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳо, марказҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ то 1 марти соли 2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба истифодаи қарзҳои берунии бо кафолати давлат ҷалбгардида, инчунин ҳисобҳоро барои давраи миёнамуҳлат оид ба маблағҳои ҷалбшаванда пешниҳод намоянд.

18. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ:

- ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳаҷми сохтмонҳои нотамом аз рӯи иншооти аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сохташаванда ва дараҷаи омодагии онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2017 то 1 феврали соли 2017 ва ба ҳолати 1 июли соли 2017 то 10 июли соли 2017 маълумот пешниҳод намоянд;

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷетии соҳавиро тибқи Низомнома оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, № 409 тасдиқ гардидааст, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, ҳангоми таҳияи он афзалиятҳоро, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вохӯриҳояшон бо аҳли ҷомеа, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392 қабул гардидааст ва барномаҳои соҳавии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида муайян гардидаанд, ба инобат гиранд;

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷетии соҳавиро расман тасдиқ намуда, баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ҷойгир намоянд;

- дар ҳаҷми умумӣ захираҳои молиявие, ки барои амалигардии барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ заруранд, дар алоҳидагӣ маблағҳои буҷетӣ, маблағҳо барои амалигардии лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои дахлдор аз ҳисоби қарзҳо, грантҳо, инчунин грантҳои мустақим ва хизматрасониҳои пулакиро (маблағҳои махсус) нишон диҳанд.

19. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи даромаду хароҷот барои соли 2018, инчунин маълумоти заруриро барои баробар намудани сатҳи таъминоти минималии буҷетии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия намуда, тибқи номгӯй ва ҷадвали тасдиқгардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

20. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намуда, ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои талаботи он аз ҷониби вазорату идораҳо ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ